ПРОТОКОЛИ № 2
маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.KOA-092

аз 24 апрели соли 2025 ш. Душанбе

Дар ҷаласа иштирок доштанд:
аз 16 нафар аъзои шуро 15 нафар

Раиси шуро: Аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 феврали соли 2025, № 64/шд тасдиқгардида 15 нафар иштирок доранд, ки аз инҳо 4 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Раҳмонов Самандар Давлаталиевич дар мавзуи "Таҳлили муқоисавии ақидаҳои иҷтимоӣ-фалсафии Аҳмади Дониш ва ҷадидия оид ба ислоҳот дар аморати Бухоро" ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 -Таърихи фалсафа

ШУНИДА ШУД:

Раиси комиссияи экспертӣ Самиев Б.Ҷ ва аъзои комиссия Муминов А.И. Султонзода С.А оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Раҳмонов Самандар Давлаталиевич дар мавзуи "Таҳлили муқоисавии ақидаҳои иҷтимоӣ-фалсафии Аҳмади Дониш ва ҷадидия оид ба ислоҳот дар аморати Бухоро" ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Раҳмонов Самандар Давлаталиевич дар мавзуи "Таҳлили муқоисавии ақидаҳои иҷтимоӣ-фалсафии Аҳмади Дониш ва ҷадидия оид ба ислоҳот дар аморати Бухоро", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 -Таърихи фалсафа пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:

1. Диссертатсияи Раҳмонов Самандар Давлаталиевич дар мавзуи "Таҳлили муқоисавии ақидаҳои иҷтимоӣ-фалсафии Аҳмади Дониш ва ҷадидия оид ба ислоҳот дар аморати Бухоро", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 -Таърихи фалсафа ба ҳимоя қабул карда шавад.
2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:
   - Раҳимов Муҳсин Ҳусайнович - доктори илмҳои фалсафа, профессори

кафедран фанҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С.Осимӣ;

- Ҷураев Комрон Ҷондорович – доктор аз рӯи ихтисос, доктори фалсафа (PhД), омӯзгори кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии ДДОТ ба номи С.Айнӣ.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода таъйин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Муассиса ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад;

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 03 июли 2025, соати 13[00] муқаррар карда шавад.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор - 15 нафар, муқобил — нест, бетараф — нест. **Якдилона қабул карда шуд..**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои фалсафа, профессор Саид Н.С.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои фалсафа Ҳаитов Ф.Қ.